**Суратмаҷлиси №56**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 07 декабри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, №122/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Ҳомидов Д., аъзои комиссияи экспертӣ Раҳмонова Н. ва Ҷӯраева М. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф –** доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович –** доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе;

- **Низомова Санобар Фахриевна** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Таърихи рӯзи ҳимоя 28.03.2024, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мирзоева М.